**ТДУ 338.191**

# ХУСУСИЯТ, ҲАДАФ, МУАММОҲОИ ТАШКИЛ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ САНОАТИ НАССОҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шаҳнозаи Садридин** -ассистенти ДДМИТ

***Калимаҳои калидӣ:*** *саноати сабук, корхонаҳои нассоҷӣ, устувории молиявӣ, гирдгардиши истеҳсолӣ, рақобати бозорӣ.*

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз проблемаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ таҳкими вазъи соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Саноат дар Тоҷикистон асосан баъди солҳои 30-ум дар заминаи васеъ истифода бурдани канданиҳои фоиданок, захираи бузурги гидроэнергетикӣ, ашёи хоми хоҷагии кишоварзӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ ташаккул ёфт.

Саноат соҳаи асосии иқтисоди миллӣ буда, он нисфи маҳсулоти хоҷагии халқ, қисми зиёди даромади миллии ё ин ки ММД-и мамлакатро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки саноати Хумҳурии Тоҷикистон бисёрҷабҳа мебошад ва зиёда аз 120 соҳаро фаро гирифта, инкишофи комплексӣ дорад ва бо техникаю технологияи ҳозирзамон ҷиҳозонида шудааст.

Дар гирдгардиши истеҳсолӣ истифода нагардидани захира ва имкониятҳои дохилии корхонаҳои саноатӣ нассоҷӣ натиҷаи ба таври бояду шояд амалӣ нагаштани сиёсати ягонаи давлат оид ба саноат арзёбӣ карда мешавад. Таҷрибаи солҳои гузашта нишон медиҳад, ки аксарияти корхонаҳои саноатӣ нассоҷӣ баъди хусусигардонӣ ва дигар шудани шакли моликият қариб фаъолияти худро қатъ намудаанд. Риоя нагардидани шартҳои хусусигардонӣ на танҳо саноати нассоҷӣ, балки монеаи рушди дигар соҳаи саноат дар кишвар гардид, ки инҳоянд:

- ✓ дар муддати дар шартнома муайяншуда бетағйир мондани самти фаъолияти корхона;
- ✓ зиёд намудани ҷойҳои нави корӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои нави маҳсулоти ба рақобати бозор тобовар;
- ✓ зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот.

Дар марҳилаи ба Созмони умумиҷаҳонии савдо дохил шудани Тоҷикистон таҳия ва амалӣ намудани чораҳои ҳимояткунандаи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва бозори дохилӣ бояд асоси қонунӣ дошта бошанд.

Дигар омили таъмин намудани афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва беҳтар намудани самаранокии истеҳсоли саноати нассоҷӣ, баланд бардоштани истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва зиёд кардани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва аз онҳо истеҳсол намудани маҳсулоти ниҳоӣ ба шумор мераванд.

Вале, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде дар ҷумҳурӣ шароитҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои пурра таъмин кардани талаботи корхонаҳои коркард бо ашёи хоми маҳаллӣ мавҷуд бошад, ҳам то ҳол норасоиҳои бузург дар самти воситаҳои гардон, маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ, набудани техника ва технологияи ҳозиразамон, мутахассисони касбӣ ва ғайраҳо корхонаҳои соҳаҳои саноати нассоҷӣ талаботи худро бо ашёи хом ва иқтидорҳои маҳаллӣ пурра таъмин карда наметавонанд ва ин яке аз сабабҳои дар сатҳи паст кароp ёфтани истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва суръати пасти афзоиши истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ дар корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвал - Истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
***(дар шакли асл)***

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нахи пахта, ҳазор тонна | 135,2 | 111,6 | 105,0 | 98,4 | 85,0 | 112,3 |
| Чигит,ҳазор тонна | 217,2 | 180,8 | 168,3 | 157,9 | 133,2 | 179,9 |
| Тибити пахта, тонна | 5326 | 4419 | 3899 | 3570 | 3398 | 3828 |
| Улюк (тораки пахта), тонна | 3283 | 2622 | 2184 | 2219 | 1711 | 1780 |
| Пахта, тонна | 2358 | 1849 | 1809 | 1518 | 1287 | 1471 |
| Пахта, тонна | 1067 | 933 | 3250 | 4449 | 5762 | 5547 |
| Калобаи пахтагин, тонна | 8963 | 8320 | 8783 | 4943 | 8944 | 17211 |
| Ресмони пахтагин (тобдодашуда), тонна | 85,0 | 112,0 | 128,0 | 60,0 | 28,0 | 42,0 |
| Газвори пахтагин, ҳаз.м. мураббаъ | 22622 | 18069 | 18154 | 8353 | 2536 | 3358 |
| Маводи нобофта:ҳаз.метр. мураббаъ | 1483 | 1591 | 1636 | 838 | 767 | 938 |
| ҳаз.метр | 902 | 958 | 762 | 495 | 414 | 531 |
| Ресмони абрешимӣ хом, тонна | 20,8 | 14,1 | 14,8 | 23,7 | 8,1 | 6,8 |
| Газвори абрешимӣ: ҳаз.м. мураббаъ | 71,6 | 71,9 | 1,6 | 2,4 | - | - |
| ҳазор метр | 103,5 | 104,0 | 2,6 | 3,8 | - | 12,6 |
| Нахи пашмин, тонна | 15 | - | - | - | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қолин ва маснуоти қолинӣ, ҳазор метри мураббаъ | 897,0 | 1356,0 | 1765,0 | 1281,0 | 1705,0 | 2836,0 |
| Маҳсулоти кашбофӣ, ҳаз.дона | 37,5 | 26,4 | 24,6 | 362,8 | 358,0 | 101,3 |
| Газвори кашбофӣ, тонна | 15,0 | 13,3 | 14,0 | 18,1 | 13,5 | 9,0 |
| Ҷӯробу пайпоқ,ҳазор ҷуфт | 968 | 1035 | 1713 | 1674 | 2829 | 3752 |
| аз он кӯдакона | 513,6 | 31,4 | 65,0 | 78,0 | 86,5 | 90,0 |

**Манбаъ: Маълумоти оморӣ барои солҳои 2012-2018**

Дар солҳои охир коркарди нахи пахта дар корхонаҳои саноати бафандагӣ рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Дар соли 2012 корхонаҳои номбурда 135, 2 ҳазор тонна пахтаро коркард намуданд, ки ин нишондиҳандаи дар соли 2016 85 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад ва нисбати соли 2012 50,2 ҳазор тонна ва ё 36, 98% коҳиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 бо тариқи иҷборӣ истеҳсоли пахта дар хоҷагиҳо ба роҳ монда шуд ва ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта дар ин сол 112, 3 ҳазор тоннаро ташкил дод.

Яке аз сабабҳои ба амал омадани чунин вазъият аз он иборат мебошад, ки истеҳсолкунандагони нахи пахта барои ба истеъмолкунандагони ватанӣ фурӯхтани он ҳавасманд намебошанд. Тартиби амалкунандаи андозбандии нахи пахта ва маҳсулотҳои тайёри аз он истеҳсолшаванда, ҳифзи манфиатҳои фурӯшандагон ва истемолкунандагони ватаниро қонеъ карда наметавонад, зеро ду маротиба, яъне аввал ҳангоми фурӯши он бо андоз аз фоида ва боз бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ гаштани маҳсулоти тайёри аз коркарди он истеҳсолшуда дар ҳақиқат ҳам боиси нигаронист. Ин дар навбати аввал ба зиёдшавии арзиши аслии маҳсулотҳои тайёри натанҳо корхонаҳои бофандагӣ, балки ҳамаи соҳаҳои саноати сабук мусоидат намуда, рақобатнокии онҳоро дар бозорҳои фурӯш паст менамояд ва яке аз сабабҳои асосии дар анбори корхонаҳо зиёд гаштани ҳаҷми маҳсулоти аз нигоҳи арзиш бозорногузар, инчунин аз гардиши молиявии онҳо баромадани воситаҳои гардон ва маҳдуд гаштани имкониятҳои ривоҷ додани такрористеҳсолкунӣ дар корхонаҳо шуда истодааст.

Бо мақсади дар оянда ба истеъмолкунандагони ватанӣ ҳарчӣ бисёртар фурӯхтани нахи пахта ва коркарди он, инчунин аз ҷиҳати моддӣ ба ин кор зиёд намудани ҳавасмандии истеҳсолкунандагон ва истифодабарандагони он, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти тайёри корхонаҳои саноати нассоҷии кишвар дар бозорҳои фурӯш ва беҳтар намудани вазъи истеҳсолию молиявии онҳо, зиёд намудани истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва иқтидори содиротии онҳо бояд имтиёзҳо андозӣ ҷорӣ карда шаванд.

Барои коркарди пилла дар ҷумҳурӣ иқтидорҳои истеҳсолӣ мавҷуд бошанд ҳам, КМ «ВТ- Силк» ва «Роҳи абрешим» ҳар сол бе коркарди ниҳоӣ ба хориҷӣ кишвар содирот карда истодаанд. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки агар нахи абрешими дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда бо истифода аз иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда дар дохили кишвар коркард карда мешуд, истеҳсоли матоъҳои тайёри шоҳиро то ба 18,0 ҳаз. $м^2$ дар соли 2017 афзоиш меёфт. Ин имконият медод, ки талаботи бозори дохилӣ бо онҳо пурра қонеъ карда шавад ва аз фурӯши онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва бурунмарзии кишвар бо нархи на камтар аз ду дол. ИМА барои $1м^2$ то 31 млн. долл. ИМА даромад ба даст оварда, самаранок фаъолият намудани соҳаи пиллапарварӣ ва саноати коркарди онро таъмин намудан мумкин аст. Бояд тазаккур дод, ки дар айни замон ҳамаи корхонаҳои соҳаҳои саноат, гарчанде чорабиниҳои мушаххасро доир ба баланд бардошдани сатҳи техникии истеҳсолот, таҷдиду тармим ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти тайёр таҳия намуда бошанд ҳам, бинобар нокифоя будани маблағҳои гардони худӣ ва аз назари иқтисодӣ судманд набудани қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ, онҳоро ҷорӣ карда наметавонанд.

Ҳалли ин масъала тақозои онро менамояд, ки давлат механизми амалкунандаи аз ҷониби бонкҳои хизматрасон ба корхонаҳои соҳаҳои саноат пешниҳод кардани қарзҳои бонкӣ, инчунин имтиёзҳои ба мисли дар минтақаҳои озоди саноатӣ бударо ҷорӣ намояд. Амалӣ гаштани чунин механизм имконият медиҳанд, ки дар корхонаҳои саноатӣ шароит барои зиёд намудани такрористеҳсолкунӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот фароҳам оварда шуда, иқтидори содиротии онҳо афзоиш ёбад.

Дар аксари корхонаҳои соҳа шӯъбаҳои конструкторӣ ва лоиҳакашӣ амал намекунанд. Фаъолияти истеҳсолии шӯъбаҳои номбурда дар корхонаҳое, ки онҳо арзи вуҷуд доранд талаботи истеҳсолотро бо маҳсулоти лоиҳавиву конструкторӣ қонеъ гардонида наметавонанд. Қариб ҳамаи онҳо бо Пажуҳишгоҳи тадқиқоти илмии саноатии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои илмиву истеҳсолӣ надоранд. Зиёд кардани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва ба роҳ

мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар корхонаҳои саноати сабук яке аз самтҳои асосии зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва самаранокии истеҳсолот, инчунин беҳтар кардани вазъияти истеҳсоливу молиявии корхонаҳои соҳа ба шумор меравад.

Гарчанде дар корхонаҳои соҳа таркибии истифодабарии риштаҳои пахтагӣ беҳтар шуда истода бошад ҳам, он ба талабот ҷавоб дода наметавонад. Таҳлили фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои соҳа нишон медиҳад, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар корхонаҳои саноати сабук тақрибан 30% риштаҳои пахтагии истеҳсолгашта истифода бурда мешаванд. Боқимонда ҳисса бе коркарди ниҳои ҳамчун ашёи хоми нимтайёр ба хориҷӣ кишвар содирот карда мешаванд. Агар 80%, риштаҳои пахтагӣ дар дохили ҷумҳурӣ бо истифода аз иқтидорҳои корхонаҳои саноати сабук коркард карда шаванд ба таври илова боз қариб 40 млн. $м^2$ матоъҳои тайёри пахтагӣ истеҳсол карда мешуд ва аз ҳисоби ба фурӯш баровардани онҳо ба таври илова қариб 30 млн. долл ИМА даромад ба даст оварда, имконияти беҳтар намудани вазъияти истеҳсолӣ ва молиявии корхонаҳои соҳа муҳайё мегашт.

Зикр кардан бамаврид аст, ки истифодабарии захираҳои табиии мавҷуда ва дигар имкониятҳо барои рушди саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, гомҳои устувор ниҳад. Барои ноил шудан ба максади гузошташуда ҳалли масъалаҳои зерин ҳатмӣ ва зарур мебошад:

- ҷорикунии техника ва технологияи пешқадам ва самарабахш;
- ҷустуҷӯи навовариҳо ва истифодаи натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ дар раванди фаъолият;
- мутамарказонии мутахасиссони илмию - техникӣ;
- ба пуррагӣ истифода намудани иқтидорҳои мавҷуда;
- устувории низоми назорати дохилӣ;
- омӯзиши омилҳои берунаи ба фаъолияти соҳа таъсиррасон;
- инкишофи инфрасохтори истеҳсолию нақлиётӣ;
- коркарди комплексии нахи пахта.

## АДАБИЁТ


1. Маълумотҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ
2. Абрамова Е.А. Кризис текстильной отрасли: самозанятость безработных как "стратегия выживания"//Технология текстильной промышленности - М., 2011. - №5. - С.8-10.
3. Аверина Л. М. Предпосылки создания и развития территориальных производственных кластеров. - Екатеринбург, 2005. - С.56-78.
4. Агеева С.Е. О субъекте управления кластером//Экономика и предпринимательство-М., 2013. - № 1- С.595-598.
5. Аймен А.Т., Кыдырова Ж.Ш., Пазилов Г.А. Формирование хлопково-текстильного кластера в Казахстане//Технология текстильной промышленности - М. 2015. - № 6 (348). - С.5-8.
6. Александрова Л. А. Конкурентоспособные промышленные кластеры. Теория и практика формирования. - Саратов, 2005. - 205с.



## АННОТАЦИЯ
## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ТЕКСТИЛЬНОЙ ОТРАСЛИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Неспособность использовать внутренние ресурсы и возможности текстильной промышленности в производственном цикле является результатом неадекватной реализации единой государственной политики в отрасли. Опыт прошлых лет показывает, что большинство текстильных предприятий практически прекратили свою деятельность после приватизации и смены собственника. Несоблюдение условий приватизации тормозило не только текстильную промышленность, но и развитие промышленности в стране.



***Ключевые слова:*** *легкая промышленность, текстильные предприятия, финансовая устойчивость, производственный цикл, рыночная конкуренция.*



## ANNOTATION
## PROBLEMS OF TEXTILE INDUSTRY DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The inability to use the internal resources and capabilities of the textile industry in the production cycle is the result of inadequate implementation of a unified state policy in the industry. The experience of the past years shows that the majority of textile enterprises practically ceased their activities after privatization and change of ownership. Failure to comply with the terms of privatization hampered not only the textile industry, but also the development of industry in the country.



***Key words:*** *light industry, textile enterprises, financial stability, production cycle, market competition.*